# ТАҚРИЗ

ба автореферати *Иброҳимов Қобилҷон Абдукаримович*
дар мавзӯи "*Таъсири шароитҳои гуногуни иқлимӣ ба нишондиҳандаҳои физиологию биокимиёвӣ ва маҳсулнокии навъҳои офтобпараст (Heliantus annuus L.)*" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.05 – Физиология ва биохимияи растаниҳо

Рисолаи илмии Қ.А *Иброҳимов* натиҷаи таҳқиқоти чандинсоларо дар бар гирифта, ба омӯзиши навъҳои барои шароити Тоҷикистон афзалиятноки офтобпарасти равғанокиашон баланди аз Федератсияи Россия овардашуда: "ВНИИМК-8883", "Саратовӣ-85", "Донии калондона" бахшида шудааст.

Муаллиф бори аввал дар шароити минтақаҳои гуногуни экологии Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ хусусиятҳои физиологию биокимиёвии навъҳои равғандиҳандаи офтобпараст таҳқиқ намудааст. Ҳангоми таҳқиқот таъсири шароити минтақаҳои иқлимӣ, хусусан реҷаи ҳарорат ва намнокии ҳаво ба равандҳои маҳсулнокӣ ва фаъолияти фотосинтетикии растанӣ вобаста аз хусусиятҳои хоси навъҳои офтобпараст тасниф ва илман асоснок намуданд. Инчунин, нақши омилҳои иқлимӣ дар ташаккулёбии ҳосилнокии биологӣ ва хоҷагидории навъҳои равғандиҳандаи офтобпараст муайян намуда таъсири омилҳои иқлимӣ ба маҳсулнокии биологӣ ва сифати дон ҷойгиркунии мақсаднoки навъҳои равғандиҳандаи офтобпарастро дар минтақаҳои гуногуни дорои захираҳои зиёди ҳарорати мусбӣ ва намнокии кофии ҳаворо илман исбот намуданд.

Рисола аз муқаддима, 3 боб, 21 зербоб, 25 ҷадвал, 12 расм, мулоҳизаҳо, 1 адад замима, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда, ки аз 155 номгӯй, аз он ҷумла 56 адабиёти муаллифони хориҷиро фаро гирифтааст, иборат аст. Дар муқаддимаи он зарурияти интихоби мавзӯъ ва аҳамияти таҳқиқи он, дараҷаи омӯта шудани мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои асосии таълифи рисола мушаххас шудаанд. Ҳамчунин муаллиф барои таҳқиқу баррасии мавзӯъ аз сарчашмаҳои илмии ватанию хориҷӣ, ки ба мавзӯъ алоқамандӣ доранд ба таври зарурӣ истифода намудааст.

1. Унвонҷӯй дар натиҷаи таҳқиқотҳои бисёрсола маълум кардааст, ки шароити иқлимии мавзеи парвариш ба маҳсулнокии навъҳои офтобпараст таъсири назаррас расонидааст. Зоҳир карда шуд, ки дар давраҳои барвақтии нашъунамо, ҳангоми кам будани масоҳати барг, зиёдшавии шабонарӯзии моводи хушк нисбат ба воҳиди масоҳат кам буда, дар давраи аввали гулкунӣ ин нишондиҳанда баландтар шудааст. Инчунин маълум карда шудааст, ки равғаннокии нисбатан баланди дон дар шароити водии Вахш дар навъи «ВНИИМК-8883» - 55,7% зоҳир карда шуд. Равғаннокии дони навъҳои омӯхташудаи офтобпараст дар шароити минтақаҳои кӯҳии Кӯлоб, нисбат ба дигар минтақаҳои парвариш, камтар (44-52%) буда, миқдори сафеда (19,4-20,7) ва тиамин (0,81-0,88) зиёдтар аст.

Дар натиҷаи таҳқиқотҳои гузаронидашуда маълум шуд, ки ҳосилнокии намудҳои офтобпараст дар минтақаҳои парвариш гуногун мебошад. Дар минтақаи захираи термикиаш зиёд ва намнокии нисбиаш нисбатан пасти иқлими ҷануби Тоҷикистон (водии Вахш) кишти навъҳои серравғани офтобпараст («ВНИИМК-8883», «Саратовӣ-85») ҳамчун зироати асосӣ (дар кишти баҳорӣ) тавсия карда мешавад. Ин барои ба даст овардани 2,5-3,0 т/га ҳосили дони офтобпараст мусоидат менамояд. Дар минтақаҳои захираи термикиашон кам ва намнокии нисбии ҳаво нисбатан баланди Ҷануби Тоҷикистон (ноҳияи Мӯъминобод ва минтақаҳои ба он ҳамшафат), хоҷагиҳои деҳқонӣ, кооператив ва ҷамъиятҳои саҳҳомӣ кишти навъҳои равғандиҳандаи офтобпараст («Донии калондона» ва ғайра) ҳамчун зироати асосӣ (дар кишти баҳорӣ) тавсия дода мешавад. Ин барои ба даст овардани 3,0-3,5 т/га ҳосили дон имконият медиҳад.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 14 маводи илмӣ, аз он ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расида, дар конфренсияҳо ва симпозиумҳои гуногун муҳокима гардида аст.

Дар маҷмӯъ диссертатсияи *Иброҳимов Қобилҷон Абдукаримович* дар мавзӯи “*Таъсири шароитҳои гуногуни иқлимӣ ба нишондиҳандаҳои физиологию биокимиёвӣ ва маҳсулнокии навъҳои офтобпараст (Heliantus annuus L.)*” дар сатҳи зарурии илмӣ иҷро гардида, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва банди 8 низомномаи «Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвонҳо илмӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.05 – Физиология ва биохимияи растаниҳо мувофиқ мебошад.

Доктори илмҳои биологӣ, профессори
кафедраи география ва сайёҳин
факултети биологияи Донишгоҳи
давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев

Мамадризохонов А.А

Имзои Мамадризохонов А.А.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДХ ба номи М.Назаршоев Н. С. Саидраҳмонов

05.04.2024

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

736000, ш. Хоруғ, к. Ш.Шотемуров 109,
Тел.:+ (992) 93 598 45-63,
akbar63@mail.ru